# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-093–и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Саидзода Исмоилбеги Адҳамқул дар мавзуи «Саҳми Абдуқодир Муҳиддинов дар таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистӣ ва Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих, 6D020301 - Таърихи ватанӣ**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои таърих Қурбонова Ш.И., доктори илмҳои таърих, Маликов М.Ҳ. ва доктори илмҳои таърих, Додхудоева Л.Н., ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ аз 23.07.2026 таъсис дода шудааст, бо таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода Исмоилбеги Адҳамқул дар мавзуи «Саҳми Абдуқодир Муҳиддинов дар таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистӣ ва Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон» шинос шуда, иброз медорад, ки ин таҳқиқот барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих, 6D020301-Таърихи ватанӣ мувофиқат мекунад.

Рисолаи илмии Саидзода И.А. дар мавзуи «Саҳми Абдуқодир Муҳиддинов дар таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистӣ ва Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон», ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст, таҳқиқоти мустақилона, мукаммал ва анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи муқарраршуда нисбат ба рисолаҳои илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос пурра ҷавобгӯ мебошад. Мавзуи интихобшуда дар таърихшиносии тоҷик яке аз масъалаҳои мубрам буда, дорои аҳаммияти муҳимми илмӣ мебошад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки халқи тоҷик пас аз сукути давлати Сомониён ва дигар давлатҳои тоҷикиасоси Хуросону Мовароуннаҳр дар ибтидои асри XX соҳиби давлати хеш гардид. Бори аввал дар харитаи ҷаҳон номи Тоҷикистон пайдо шуд. Дар солҳои бистуми асри гузашта, дар натиҷаи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ва ду инқилоби иҷтимоӣ дар Россия давлати иҷтимоии синфи коргару деҳқон - Иттиҳоди Шуравӣ ба миён омад ва дар доираи он баъд аз тақсимоти миллӣ-марзии Осиёи Миёна ҷумҳуриҳои шуравӣ таъсис ёфтанд. Дар натиҷа мардуми тоҷик низ дар соли 1924 соҳиби Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ва дар соли 1929 Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон шуд, вале таъсиси онҳо ба осонӣ ба даст наомада буд. Фарзандони фарзонаи миллат дар мубориза барои таъсиси ҷумҳурӣ ба муқобили пантуркизм ҷоннисорӣ намуданд. Дар байни ин фарзандони номвари миллат Абдуқодир Муҳиддинов низ буд, ки саҳми ӯ дар ин раванди тақдирсоз то ҳол ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст.

Нуктаи қобили таваҷҷуҳ ин аст, ки дар таъсисёбии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон бисёр фарзандони ҷоннисори миллат хидмат ва талош варзиданд, дар ин миён хидматҳои бузурги А. Муҳиддинов то андозае

паси парда мондааст ва ҳатто соли 1986 рӯзномаи “Правда” зарураяти омӯзиши фаъолияти Абдуқодир Муҳиддиновро ба миён гузошта, нигаронӣ намуда буд, ки номи ин сиёсатмадори маъруф беасос фаромӯш шудааст. Аз ин рӯ, муаллиф талош кардааст, ки фаъолияти сиёсию фарҳангии А. Муҳиддиновро зери пажуҳиши илмӣ қарор диҳад.

Абдуқодир Муҳиддинов, ки дар давоми кор дар вазифаҳои масъули Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро, ки қисмати ҷанубии Тоҷикистони имрӯза ҷузъи он буд, таҷрибаи хуби корӣ пайдо карда буд, дар нимаи дуюми солҳои 20-ум барои бунёди давлати нави тоҷикон хизматҳои шоиста намудааст. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи васеи ҳаёт ва фаъолияти Абдуқодир Муҳиддинов, муайян намудани саҳми ин ходими намоёни давлатӣ дар бунёди Тоҷикистони шуравӣ дорои аҳаммияти баланди илмӣ, амалӣ ва тарбиявӣ мебошад.

Воқеан, баррасии саҳми Абдуқодир Муҳиддинов дар таъсиси ҶМШС Тоҷикистон ва ҶШС Тоҷикистон бузург буда, таҳқиқ ва омӯзиши фаъолияти ҷамъиятиву сиёсии ӯ барои таҳкими давлатдории муосир ниҳоят муҳим аст.

Таҳқиқ ва омӯзиши фаъолияти ҳизбиву сиёсии шахсиятҳое, чун Абдуқодир Муҳиддинов дар барқарор намудани адолати иҷтимоӣ ва таърихӣ, ташкили ҷомеаи нави тоҷикон аҳаммияти бузурги таърихӣ дорад.

Дар таърихнигории халқи тоҷик вобаста ба мавзуи мавриди назари муаллиф мақолаҳо ва асарҳои зиёде нашр гардидаанд, ки аксари кулли онҳо дар рисола истифода гардидаанд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он аст, ки ӯ сарчашмаҳои муътамади илмӣ, илмию оммавӣ, шифоҳӣ ва адабиро ҷамъоварӣ намуда, мавриди таҳлил қарор додааст. Барои комил намудани мавзуи таҳқиқшаванда, инчунин, ба шаҳри Тошкенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон сафар карда, бо пайвандони А. Муҳиддинов мулоқоту суҳбатҳо намуда, маводди бойгониро дастрас карда, дар заминаи онҳо бисёр паҳлуҳои норӯшани фаъолияти қаҳрамони рисоларо равшан намудааст.

Доир ба натиҷаҳои таҳқиқот, ки бо кори диссертатсионӣ алоқамананданд, 7 мақолаи илмӣ нашр кардааст, ки аз он 4 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда чоп шудаанд.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ асосан аз нигоҳи илмӣ муайян намудани мақоми Абдуқодир Муҳиддинов дар раванди таърихии нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX, навсозии солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX пас аз барқарор шудани Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистон мебошад, ки муаллиф аз иҷрои он баромадааст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бори аввал ҳамаи маводди ба ҳаёт ва фаъолияти ҷамъиятиву сиёсии Абдуқодир Муҳиддинов тааллуқдоштаро ҷамъоварӣ ва таҳлил намуда, бо истифода аз маводди нави бойгонӣ, асарҳои эҷоднамудаи худи сиёсатмадори варзида, саҳми ӯро дар бунёди давлатдории нави миллати тоҷик ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор додааст..

Аҳаммияти назариявӣ ва амалиии таҳқиқот дар он аст, ки метавон дар аввал ҳамчун манбаи илмӣ ва таҳқиқӣ дар таҳқиқи мавзуъҳои дигари таърихии

такмили адабиёти таълимии таърихи халқи тоҷик, таҳияи барномаҳо, курси лексияҳо аз фанни мазкур ҳамчун маводи асосӣ ва ё иловагӣ мавриди истифода қарор додан аз аҳаммият холӣ нест.

Хулосаҳои таҳқиқотӣ ва таҳлилҳои илмии дар рисола овардашуда имконият додаанд, ки хидматҳои А. Муҳиддинов дар ташкили Тоҷикистони шуравӣ ба таври дақиқу асоснок нишон дода шавад. Ин натиҷаҳо метавонанд ҳангоми таълифи асарҳои ҷомеи бунёдӣ оид ба хидматҳои чеҳраҳои сиёсию фарҳангӣ ва илмии миллати тоҷик мавриди истифода қарор гиранд.

Автореферати рисола ба талаботи имрӯзаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ пурра ҷавобгӯ буда, мазмун ва мухтавои диссертатсияро ҳамаҷониба инъикос менамояд ва ба чоп тавсия дода мешавад.

Ҳамин тавр, комиссияи экспертӣ хулоса менамояд, ки диссертатсияи аз ҷониби Саидзода Исмоилбеги Адҳамқул таҳияшуда таҳқиқоти илмии мустақилона ва ҷамъбастшуда буда, муаллифи рисола мақсаду вазифаҳои пешгузоштаро пурра иҷро намудааст, асосҳои методологӣ ва методҳои илмие, ки истифода шудаанд, ҷавобгӯйи талаботи муосири илмӣ мебошанд. Аз рӯйи натиҷаҳои ба дастомада, истифодаи амалӣ ва сифати таҳқиқ, рисола ба талаботи муқаррарнамудаи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) ба ҳимоя тавсия дода мешавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Саидзода Исмоилбеги Адҳамқул дар мавзуи «Саҳми Абдуқодир Муҳиддинов дар таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистӣ ва Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон»-ро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих, 6D020301 – Таърихи ватанӣ дар асоси банди 60-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» баррасӣ намуда,

## ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Саидзода Исмоилбеги Адҳамқул дар мавзуи «Саҳми Абдуқодир Муҳиддинов дар таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистӣ ва Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих, 6D020301 – Таърихи ватанӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ - таҳқиқотиашон ба ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– Расулиён Қаҳҳор – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- Ҳомидова Манзура Маҳмудовна - номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи таърих ва диншиносии Донишгоҳи давлатии бизнес, ҳуқуқ ва сиёсати Тоҷикистон.

3. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба ҳайси муассисаи пешбар таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир кардани эълони ҳимояи диссертатсия дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 нусха) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхис:**
доктори илмҳои таърих — Қурбонова Ш.И.

**Аъзои комиссияи ташхис:**
доктори илмҳои таърих, профессор — Маликов М.Ҳ.

доктори илмҳои таърих — Додхудоева Л.Н.

16.09.2026